# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии пешрафти босуръати илму техника, иттилоотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи кор бо технологияҳои муосири инноватсионӣ ва дарки мазмуни онҳо яке аз салоҳиятҳои асосии шаҳрванди асри нави ба ном асри иттилоот маҳсуб ёфта, равандҳои ҳадафмандонаи педагогии таълиму тарбияи насли наврас ба зиндагии оянда, ки ҳадафи асосии таҳсилоти муосир ба шумор меравад, мебошад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи муҳтавои педагогии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва роҳу усулҳои пурмаҳсул намудани ин дарс, рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур равона шудааст.

Муҳаққиқ ҷанбаҳои педагогии истифодаи технологияҳои муосири инноватсиониро дар дарси фанни таърихи халқи тоҷик, малакаҳои кор бо онҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқотро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда шаҳодати онанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия проблемаи баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсиониро муайян кардааст. Хусусиятҳои кор бо ин технологияҳо, дарки моҳияти истифодаи онҳо, мафҳуми технологияи муосирро аз ҷиҳати назариявӣ то андозае аниқ ва роҳу усулҳои истифодаи намудҳои гуногуни онро мутобиқ ба талаботи таҳсилоти муосир коркард кардааст. Ҳамзамон, ошкор кардааст, ки ин

малакаҳо салоҳияти аз ҳама асосӣ барои тамоми фанҳои дигар, барои фаъолияту зиндагии имрӯзаву минбаъда зарурӣ мебошанд ва дар мавриди воридсозии тағйирот ва иловаҳо ба барномаи таълим, китобҳои дарсии фанни таърихи халқи тоҷик, роҳу усулҳои беҳтарини кор бо технологияҳои муосири таълимӣ пешниҳодҳои арзишмандро манзур намудааст.

Кори муҳиме, ки дар раванди таҳқиқот довталаб анҷом додааст, мушоҳида ва иштирок дар дарсҳои як идда муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ мебошад. Ба ин васила ошкор гардидааст, ки то ба ҳол хонандагон аксаран моҳият ва мазмуни технологияҳои муосирро ба дараҷаи зарурӣ дарк намекунанд ва малакаҳои кор бо онҳоро надошта, тайёрии хонандагон дар сатҳи паст қарор дорад. Вобаста ба ин, довталаб омил ва сабабҳои ба ин монанд ҳолатҳоро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ба манзури мусоидат ба ислоҳи вазъ дар ин ҷода амсилаҳои муносиби методӣ ва омӯзиширо коркард ва манзури омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик кардааст, ки аз арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ далолат мекунад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муҳаққиқ таҳқиқотҳои олимонро оид ба истифодаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Асосҳои назариявию амалии баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик тавассути технологияҳои муосири инноватсионӣ низ муайян гардида, проблемаҳои дар ин самт ҷойдошта ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудаанд.

Ҳамзамон, тариқи озмоишҳо, ки бо истифодаи босамари тарзу усулҳои нави педагогӣ баргузор шудаанд, роҳҳои боло бурдани азхудкунии дониши хонандагон зимни тадриси фанни таърихи халқи тоҷик ва натиҷаи онҳо собит гардидаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки амсилаи истифодаи мақсаднок ва босамари технологияҳои муосири инноватсиониро зимни дарси фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки муаллиф коркард ва дар асоси озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, пешниҳод кардааст.

Онҳо ба рушди маҳорату малакаҳои кор бо технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни мазкур ба ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва хонандагон мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон

истифода ва мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик қарор гиранд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:

1. Дар фишурдаи кор (автореферат) оид ба таҷрибаи пешқадами омӯзгорони муассисаҳои таълимии кишварҳои беруни Тоҷикистон дар мавриди мавзуи таҳқиқшаванда маълумоти кам дода шудааст.
2. Дар матни автореферат ғалатҳои китобатию имлоӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки нуқсонҳои номбурда ҷузъӣ буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ кам намесозанд. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи "Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ" ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои
гуманитарии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон — Носиров Саъдулло Шукулоевич

Маълумот барои тамос:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 93 531 17 71; 98 816 51 57.
E-mail: nosirov1965@mail.ru

Имзои С. Носировро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ — М. Мирҷамолов

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

23.10.24